# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода ба диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниход шудааст.**

Диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби илми педагогика, яъне роҳҳои ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар синфҳои болӣ бахшида шудааст.

Бо назардошти он, ки дар марҳилаи имрӯза мафҳумҳои чун арзишҳои шаҳрвандӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, тарбия намудани меҳру муҳаббати ватан, хештаншиносӣ ва ба миён овардани ин гуна ҳиссиётҳо дар мафкураи насли наврас ба мавзуи рӯзмарраи ҷомеа мубаддал гаштааст, мубрамияти рисолаи илмии Рустамзода С.Ҳ. низ ба ҳамин далел асос карда мешавад. Дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас ба яке аз ҷараёнҳои бунёдии миллии халқи тоҷик мубаддал гардидааст. Дар замири насли наврас оғоз аз оила ва минбаъд дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба миён овардани меҳру муҳаббат нисбати ватан,омили асосӣ ва тақдирсози суботи ҷомеа ва  рушди бемайлони кишвар мебошад. Дар марҳилаи имрӯза дарёфти роҳҳои  ҳалли дурусти масъалаи тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба таърихи мамлакат, халқ ва давлати худ, ба яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби кормандони соҳаи мактабу маориф ва илм мубаддал гардидааст. Кормандон ва масъулини соҳаҳои мазкурро лозим аст, ки дар ҳамкорӣ бо оила ва аҳли ҷамоатчигӣ тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврасро ба маҷрои нав ворид намуда, дар ҷодаи ҳалли масъалаи мазкур садоқатмандона саҳмгузор бошанд.  Дар ҷодаи тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас мавқеи аҳли кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар низ тақдирсоз ба ҳисоб меравад. Ҳар як фанне, ки дар ин

муассисаҳо таълим дода мешавад, бояд вазифаи тарбиявии худро дар ҷодаи баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва хештаншиносии хонандагон ба иҷро расонад. Рустамзода С.Ҳ. дар мисоли таълими фанни таърихи умумӣ дар синфҳои 9-10 ва нақши он дар тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон кори илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, вобаста ба арзёбӣ намудани муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардид.

Бо назардошти матлабҳои баёнгардида унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ Рустамзода С.Ҳ. муаммои мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии худро атрофи коркард ва дарёфти роҳу усулҳои тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон интихоб намуда, марҳилаҳои таҳқиқотро самаранок истифода карда, саривақт кори илмии худро тибқи нақшаи таҳрезишуда ба итмом расонид.

Рисолаи илмии Рустамзода С.Ҳ. аз муқаддима, ду боб ва шаш фасл иборат мебошад. Охири ҳар як боб хулосабарорӣ карда шудааст. Дар охири диссертатсия хулосаи умумӣ, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия ва рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия асосҳои назариявии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи назария ва амалияи таълим мавриди таҳлил ва натиҷабардорӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои маънавию таърихии тарбияи шаҳрвандию ватандӯстӣ ва шароитҳои педагогии ташаккулёбии ин арзишҳо дар хонандагони синфҳои 9-10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мисоли дарсҳои таърихи умумӣ баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин асосҳои ташаккулёбии арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлили назариявӣ карда шудааст.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагони синфҳои 9–10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ дар таҳқиқотҳои озмоишӣ санҷидаю натиҷабардорӣ карда шудаасӣ. Вобаста ба он унвонҷӯй роҳҳои татбиқи технологияи педагогии ташаккулёбии арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 дар дарсҳои таърихи умумиро коркард намуда, дар фасли охирин онро таҳлил намудааст. Истифодаи маводҳои коркарднамудаи диссертант

ҳам барои хонандагони синфҳои 9-10-и мактабҳои миёна ва ҳам омӯзгорони фанни мазкур кумаки илмӣ-методии худро мерасонад.

Рустамзода С. Ҳ., ки худ бештар мехост муаммои мазкурро пажӯҳиш намояд, дар марҳилаҳои таҳқиқот қобилияти иҷро карда тавонистани рисолаи илмӣ доштани худро нишон дода тавонист. Дар коркарди нақшаи рисолаи илмӣ пешниҳоди саривақтии илмиро баён карда тавонист, ки дар намунаи охирини нақша онҳо ба назар гирифта шуд. Аз сарчашмаҳои бойгонӣ, аз асарҳои илмии ба рисола мувофиқ дуруст ва самаранок истифода карда тавонист. Осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро дарёфт намуда, таҳлили онҳоро самаранок ба амал бароварда тавонист. Бо роҳбарият ва омӯзгорони фаннии мактабҳои пойгоҳӣ ҳамкории хуби кориро ба роҳ монд, ки ин ба ӯ имконият дод, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишии худро самаранок ба роҳ монда,ҷамъбаст намояд. Нақшаи коркарди рисолаи илмиро марҳила ба марҳила дар вақташ ба сомон расонид. Дар коркарди рисолаи илмӣ масъулиятшиносона муносибат намуда, аз шаклҳои гуногуни пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ самаранок истифода мекард. Довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, маърӯзаҳои илмии худро пешниҳод мекард. Дар хонишҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки ба сифати пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ интихоб гардида буданд, мунтазам бо маърӯзаҳои илмӣ гузориш менамуд.

Рустамзода С. Ҳ. натиҷаҳои бадастомадаи илмии худро дар қисмати “Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия” ва дар қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” пешниҳод кардааст, ки истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати ташаккули қобилияти фикрронии онҳо аз аҳамияти илмӣ-методӣ холӣ нест.

Диссертатсияи Рустамзода С. Ҳ. ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони кор сода, равон ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ мебошад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, дар

сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ иншо шудааст ва аз нигоҳи мавод низ ғанӣ мебошад. Ҳамаи ин аз камолоти маънавӣ ва қобилияти хуби пажӯҳандагӣ доштани Рустамзода С. Ҳ. шаҳодат медиҳад. Диссертатсия дар асоси талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ", ки аз тарафи КОА муқаррар шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Бинобар он рисолаи номбурда дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" барои муҳокима ва дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод мегардад.

Рисолаи илмии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
______________________ Сабурӣ Х.М

2.04.2025

Имзои профессор Сабурӣ Х.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
______________________ Сайдуллозода З.С.

**Маълумот барои тамос:** 735700,Ҷумҳурин Тоҷикистон,ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, тел.: +992 92 805 7007, Email: zarrina_14.10.70@mail.ru